«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон, доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________ Файзулло М.Қ.
«_3_» _апрели_ 2023 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Рисолаи илмии Исозода Парвиз Асадулло таҳқиқоти илмии баанҷомрасида маҳсуб ёфта, аз ҷониби рисоланавис ба таври пурра таҳқиқ гардида, ба яке аз масоилҳои мубрами илми ҳуқуқи инсон – маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шуда, муҳтавои он ба ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад. Ҷанбаи мусбии рисолаи илмии мазкур дар он дида мешавад, ки он аз рӯйи ду ихтисос навишта шуда, ба ин ихтисосҳо мутобиқ буда, самаранокии хоси худро дар ин соҳаҳо ба вуҷуд оварда метавонад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми илмии довталаб дар он дида мешавад, рисолаи анҷомдодаи ӯ барои омӯзиш ва таҳкими минбаъдаи

маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ташаккули назарияи муосири ҳуқуқи инсон ва талаботи ташкили механизми самарабахши татбиқу таъмини онҳо дар Тоҷикистон мусоидат менамояд. Андешаҳое, ки дар рисола ба таври бевосита ва (ё) бавосита оварда шудаанд, барои ташаккули донишҳои умуминазариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионӣ дар соҳаи вазъи ҳуқуқии шахс хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили низоми ҳуқуқии миллӣ дар алоқамандӣ бо дастовардҳои кишварҳои хориҷӣ, таҳкими арзишҳои демократӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон истифода шаванд. Арзиши амалии тадқиқот дар он дида мешавад, ки нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои онро метавон дар таҳияву таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқии танзими маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон истифода намуд.

Бояд иброз дошт, ки рисоланавис дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба институти мазкур мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи инсон ва такмили қонунгузорӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) аввалин самти илмие, ки муаллиф ба он ноил гардидааст, ин зарураяти дар қонунгузорӣ ҷой додани мафҳуми «принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» маҳсуб меёбад. Муаллиф иброз медорад, ки принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шакли категорияи мушаххас дар қонунгузорӣ баррасӣ нашудааст. Ин ҳолат, истифодаи онҳоро ба таври назаррас мушкил менамояд, зеро дар тафсири доктриналӣ гуногун шарҳ дода мешаванд. Дар баробари ин муаллиф андеша пешниҳод менамояд, ки ба сифати принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инҳоро дохил намудан мумкин аст: принсипи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; принсипи қонуният ва роҳ додани маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо танҳо аз тариқи; принсипи баробарии фардӣ; принсипи мақсаднокӣ; принсипи адолат; принсипи таносуби маҳдудиятҳо;

принсипи возеҳият ва муайянкунии маҳдудиятҳо; принсипи мунтазамии маҳдудиятҳо (саҳ. 60).

б) Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин хулосабарорӣ оид ба мафҳуми маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Ба андешаи муаллиф таҳти мафҳуми маҳдудкунии ҳуқуқҳои инсон - ин шартҳои кам намудани миқдори рафторҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ҷоиз, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пешбинӣ гардидаанд, бо роҳи муқаррар намудани ҳудуд ва сарҳадоти мухталиф (дар шароити осоишта) ё ин ки муваққатан боз доштани имконияти амалисозии ҳуқуқҳои инсон дар шароити речаҳои махсус мебошад, фаҳмида мешавад (саҳ.193).

в) бахши дигари муваффақияти рисоланавис ин аз нигоҳи назариявӣ пешниҳод намудани субъектони татбиккунандаи чораҳои маҳдудсозӣ ба ҳсиоб меравад. Муаллиф субъектони мазкурро ба чор гурӯҳ ҷудо менамояд: субъектоне, ки нисбати онҳо чораҳои маҳдудсозӣ паҳн мегардад - шаҳрвандони кишвар, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ; субъектоне, ки бевосита чораҳои маҳдудсозиро қабул ва муқаррар мекунанд давлат дар симои мақомоти ваколатдори давлатӣ (парлумони кишвар, сардори давлат); субъектоне, ки чораҳои маҳдудсозиро амалӣ менамоянд - ба онҳо ҳамчун қоида мақомоти ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (масалан, ҳизбҳои сиёсӣ, сохторҳои мухталифи тиҷоратӣ ва ғ.) мансуб мебошанд; субъектоне, ки фаъолияти назоратиро амалӣ менамоянд (саҳ. 194) ва ғайра.

Дар умум, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисоланавис дар ҳалли масъалаҳои илмии марбут ба маҳдудкунии ҳуқуқҳои инсон муваффақ гардида, нуктаҳое илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи инсон мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал бо забони давлатӣ оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқукии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин раванд, бояд иброз намоем, ки нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд ва аз матни диссертатсия ва автореферати он бармеоянд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузоштшударо дар худ инъикос менамоянд ва рисоланавис сазовари унвони номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили низоми ҳуқуқии миллӣ дар алоқамандӣ бо дастовардҳои кишварҳои хориҷӣ, таҳкими арзишҳои демократӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон истифода шаванд. Ҳамчунин, андешаҳои илмӣ ва хулосаҳои онро метавон дар таҳияву такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти танзими ҳуқуқии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон истифода намуд. Дар ин радиф, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон курсҳои махсус, ба монанди «Ҳуқуқи занон», «Ҳуқуқи кӯдак», «Ҳуқуқи гуреза», «Ҳуқуқи муҳоҷирон» инчунин ҳангоми навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ, дипломӣ, магистрӣ ва воситаҳои таълимӣ, истифода мешаванд.

Аз ин лиҳоз, чунин шуморида мешавад, ки рисолаи илмии мазкур ҳам аҳаммияти илмӣ ва ҳам амалӣ дошта, барои илм ва амалияи ҳуқуқи инсон муфид дониста мешавад. Дар баробари ин, бартарияти рисолаи илмии  Исозода Парвиз Асадулло дар он аст, ки он фаҳмишҳои илмиро оид ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд.

Бо максади исботи гуфтахои каблӣ метавон чанде аз натичаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намуд, ки барои он метавон ба довталаб дарачаи илмӣ дода шавад:

1. Муаллиф дар қисмати пешниҳоди нуктаҳои илмӣ мафҳуми зерини маҳдудкунии ҳуқуқҳои инсонро пешниҳод менамояд: маҳдудкунии ҳуқуқҳои инсон – ин шартҳои кам намудани миқдори рафторҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ҷоиз, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пешбинӣ гардидаанд, бо роҳи муқаррар намудани ҳудуд ва сарҳадоти мухталиф (дар шароити осоишта) ё ин ки муваққатан боз доштани имконияти амалисозии ҳуқуқҳои инсон дар шароити реҷаҳои махсус мебошад.

2. Ҳамчунин, дар ин қисмат муаллиф аломатҳои зерини маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро тасниф намудааст: маҳдудсозӣ баъзе оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ ва воқеиро ба вуҷуд морад; озод (яъне, бо меъёрҳои ҳуқуқӣ иҷозатдодашуда) ё ин ки муваққатан боз доштани рафторҳои озодро ифода менамояд; чунин камшавӣ ҳамеша дорои хусусияти фазоӣ (ҳудудӣ), вақтӣ ва субъектвӣ (вабаста ба доираи шахсон) мебошад, ки ҳудудҳои он дар меъёрҳои ҳуқуқ (қонун) муқаррар шудааст; маҳдудсозии бешубҳа бояд танҳо хосияти қонунгузорӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, маҳдудсозӣ метавонад ва бояд танҳо аз тарафи мақомоти ваколатдор дар шакли муайян татбиқ карда шавад; маҳдудсозӣ бо имконияти маҷбурсозии давлатӣ нисбати субъектоне, ки қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунро қасдан вайрон мекунанд, таъмин карда мешавад.

3. Ба андешаи муаллиф унсурҳои асосии амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд инҳоянд: мустаҳкам намудани қонунии маҳдудиятҳо бо дарназардошти ҳадафҳое, ки ин маҳдудиятҳо метавонанд ба онҳо оварда мерасонад; дақиқ муайян намудани ҳудуди маҳдудиятҳо; субъектоне, ки таҳти чораҳои маҳдудсозӣ қарор доранд; намудҳо ва таснифоти маҳдудиятҳо.

4. Муаллиф иброз менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон метавонанд хосияти ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ва

дохилидавлатӣ дошта бошанд. Дар санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ тартиби амалисозии маҳдуднамоӣ дар се шакл ифода ёфтааст: маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон бо тартиби умумӣ; имконияти маҳдудсозии ҳуқуқи мушаххас; маҳдудсозӣ вобаста ба ҳайати субъективӣ.

5. Дар асоси омӯзиши назарияҳои илмӣ вобаста ба таснифоти маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон, рисоланавис пешниҳод менамояд, ки онҳоро вобаста ба асосҳои зерин гурухбандӣ намуд: аз рӯйи шартҳое, ки маҳдудиятҳоро талаб менамояд (ҳолатҳои гуногуни фавкулода); аз рӯйи танзими ҳуқуқӣ; аз рӯйи субъект – чораҳои маҳдудсозии умумӣ ва чораҳои маҳдудсозии махсус; аз рӯйи татбиқи ҳудудӣ – ба умумимиллӣ ва маҳаллӣ; аз рӯйи доираи вақт – ба маҳдудиятҳои доимӣ ва муваққатӣ.

6. Рисоланавис ақида пешниҳод менамояд, ки зарурати дар қонунгузорӣ ҷой додани мафҳуми «принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» ба миён омадааст. Зеро, принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шакли категорияи мушаххас дар қонунгузорӣ баррасӣ нашудааст. Ин ҳолат, истифодаи онҳоро ба таври назаррас мушкил менамояд, зеро дар тафсири доктриналӣ гуногун шарҳ дода мешаванд.

Вобаста ба ин, метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Аммо, бояд зикр намуд, ки дар баробари комёбиҳои ишорагардида, инчунин, дар диссертатсия баъзе масоили баҳсноку номуайян ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Дар нуктаи 2-юми илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд менамояд, ки яке аз аломатҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ин «озод ё ин ки муваққатан боз доштани рафторҳои озод» мебошад. Аз ин рӯ, аз унвонҷӯ хохиш карда мешавад, ки зери вожаи «озод» чиро дар назар дорад? Зеро, озод кардан маънои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро ифода намекунад.

Бо ин максад, зимни ҳимояи рисолаи илмӣ оид ба ин масъалаи пешниҳодшаванда андешаи худро иброз намояд.

2. Дар нуктаи панҷуми пешниҳодхо барои такмили қонунгузорӣ, муаллиф иброз менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон метавонанд хосияти ҳуқуқӣ-байналмилалӣ дошта бошад, ки чандон мувофиқи максад нест. Чунки санадхои хукукии байналмилалӣ танҳо шароит фароҳам меоваранд баҳри ташаккул, рушд ва пешбурди ҳуқуқи инсон. Онхо хосияти тавсиявӣ ва ҳаволакунанда ба қонунгузории миллиро доро мебошанд. Пас, агар ин тавр бошад, бо ин пешниход Шумо чи мехохед. Аз унвонҷӯ пурсида мешавад, ки бо дарназардошти кадом асосҳо санадҳои ҳуқуқӣ байналмилалиро заминаи муайян намудани маҳдудкунӣ ифода намудаед.

3. Дар саҳифаи 171 диссертатсия муаллиф пас аз таҳлил ва баррасӣ намудани мафҳум, моҳият ва зарурати вазъияти фавқулода, муаллифи мафҳуми онро пешниҳод намуд, ки тибқи он: вазъияти фавқулода – ин раванди татбиқи чораҳои махсуси ҳуқуқӣ барои таъсир расонидан ба иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳои муайяни табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ, ки ба ҳаёт ва амнияти шаҳрвандон ё сохтори конститутсионӣ таҳдид мекунад, рафъи он бе истифодаи чораҳои фавқулода ғайриимкон аст ва мақсад аз он бартараф намудани ҳолати мазкур, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи сохти конститутсионии давлат мебошад. Мехостам унвонҷӯ равшанӣ андозад, оё танҳо се омиле, ки дар мафҳуми пешниҳодгардида ишора бар он меравад, пурра метавонад мафҳуми додашударо дар бар гирад.

Бояд махсусан иброз дошт, ки эрод ва норасоиҳои зикршуда ба мундариҷаи рисолаи илмӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро кам намесозанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус, мазмуни

мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Рисолаи илмии Исозода Парвиз Асадулло ба талаботи б.б. 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф ба таври мустақил навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии рисола, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, масъалагузорӣ, тарзи навишт ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи рисоларо нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, рисолаи Исозода Парвиз Асадулло ба талаботҳо оид ба навишти рисолаҳои илмӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1 аз 17 марти соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Элназаров Давлатшо Ходжаевич – мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, омода шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратмаҷлиси кафедра тахти №7 аз 29 марти соли 2023.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон **Кравченко О.В.**

**Ташхисгар:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент - мудири кафедраи фанҳои
давлатӣ-ҳуқуқии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон **Элназаров Д.Х.**

**Котиб:** муаллими калони кафедраи
фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон **Шоисматуллаева Ф.Ш.**

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Раҳимов А.А.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, М.Турсунзода, 30; Тел.: +(992) 37 221-35-50; Факс. +(992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj/ru

10.04.23с.